«Тасдиқ мекунам»
Ректори Донишгоҳи давлатии
молия ва иқтисоди Тоҷикистон,
н.и.и., дотсент ________ Абдуалимзода Ҳ.А.
«___» ____________соли 2023

# НИЗОМНОМАИ
## озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ таҳти унвони « Беҳтарин барномасоз»

### 1. Муқаррароти умумӣ

1.1. Низомномаи мазкур тартиби гузаронидани озмуни ҷумҳуриявии донишҷӯёни муассисаҳои таҳсилоти олии касбиро таҳти унвони «Беҳтарин барномасоз» барои тақвияти барномаи давлатии "Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф 2020-2040" муқаррар менамояд.

Ҳадаф аз баргузории озмуни мазкур дар амал татбиқ намудани фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020 таҳти №1445 «Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040» ва тайёр намудани донишҷӯён барои иштирок дар озмуни ҷумҳуриявии "Илм фурӯғи маърифат" ва ба ин васила баланд бардоштани маҳорати истифодаи технологияҳои информатсионӣ дар раванди фаъолияти илмӣ ва таълимӣ, дарёфти чеҳраҳои нав дар самти технологияҳои информатсионӣ, ташаккули маҳорати истифодаи Интернет ва шабакаҳои иҷтимоӣ, насби барномаҳои компютерӣ ва системаҳои амалиётӣ, ғанӣ гардонидани захираи луғавӣ ва истилоҳоти соҳаи технологияи информатсионӣ ва дар амал татбиқ намудани Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ва ташаккули ҳукумати электронӣ равона карда шудааст.

1.2. Масъули баргузории озмун кафедраҳои информатикаи амалӣ дар иқтисодиёт, система ва технологияи иттилоотӣ дар иқтисодиёт ва иқтисоди рақамӣ ва логистикаи факултети технологияҳои иттилоотии Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон мебошанд.

1.3. Ташкил ва тартиби гузаронидани озмунро комиссияи тадорукотии озмун муайян мекунад, ки дар асоси фармоиши ректори донишгоҳ таъсис дода мешавад.

1.4. Ба ҳайати аъзои комиссияи тадорукотии озмун намояндаи Институти математикаи Академияи милли илмҳои Тоҷикистон ва дар самти барномасозӣ намояндагони вазоратҳо, аз ҷумла Вазорати саноат ва технологияи нав ҷалб карда мешавад.

## 2. Мақсади озмун

2.1. Мусоидат ба иштироки фаъолонаи донишҷӯён бо мақсади иҷрои фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 31 январи соли 2020, №1445 «Дар бораи «Бистсолаи омӯзиш ва рушди фанҳои табиатшиносӣ, дақиқ ва риёзӣ дар соҳаи илму маориф» эълон намудани солҳои 2020-2040» ва амалигардонии бандҳои алоҳидаи Консепсияи иқтисодиёти рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон;

2.2. Дарёфти чеҳраҳои нави боистеъдод ва иштирокчӣ дар озмуни ҷумҳуриявии “Илм фурӯғи маърифат” ва олимпиадаҳои сатҳҳои гуногун, инчунин, ҷалби онҳо дар татбиқи корҳои илмӣ-тадқиқотии ба самти технологияҳои иттилоотӣ равонагардида дар доираи парки технологии ДДМИТ;

2.3. Тақвияти сатҳи дониши назариявӣ ва амалӣ дар самти лоиҳасозии системаҳои информатсионӣ ва барномасозӣ;

2.4. Таъмини усулҳои автоматикунонии фаъолияти кории соҳаҳои иқтисодӣ - иҷтимоӣ;

2.5. Ҷалби бештари донишҷӯён ба дарки моҳияти иқтисодиёти рақамӣ, ҳукумати электронӣ, тиҷорати электронӣ ва ҳарчи тезтар ҷоринамоии онҳо дар соҳаҳои алоҳидаи хоҷагии халқи мамлакат;

2.6. Дарёфт ва ҳавасмандгардонии донишҷӯёни лаёқатманд;

## 3. Шартҳои иштирок дар озмун

3.1. Дар озмун аз ҳар як муассисаи таҳсилоти олии касбии Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо 1 нафар донишҷӯ (бакалавр) иштирок карда метавонад.

Тартиби пешниҳоди иштирокчиёни озмун дар замимаи 1 нишон дода шудааст;

3.2. Мухлати пешниҳоди дархост ҷиҳати иштирок дар озмун то санаи 01-уми апрели соли 2023 мебошад. (Суроға: Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон, E-mail: t.Ozmun2023@mail.ru, тел: 904-44-55-55, 93-463-40-40);

3.3. Дар озмун саволҳо вобаста ба асосҳои назариявӣ ва амалии барномасозӣ, ба инобат гирифтани санадҳои меъёриву ҳуқуқии самти технологияҳои информатсионӣ ба иштирокчӣ пешниҳод гардида, мувофиқи банди 4.4-и Низомномаи мазкур баҳогузорӣ карда мешавад;

3.3.1. Таҳияи лоиҳаи инноватсонии беҳтарин оид ба автоматикунонии зерсохторҳои МТОК;

3.4. Шартҳо ва эълон дар хусуси озмун ва натиҷаи кори он дар рӯзномаи «Молия ва иқтисод»-и Донишгоҳи давлатии молия ва иқтисоди Тоҷикистон ва дар сомонаи расмии донишгоҳ: http://tgfeu.tj/ интишор мегарданд.

## 4. Комиссияи озмун

4.1. Ҳайати комиссия иборат аз 5 нафар: раис, аъзоён ва котиби масъул муқаррар карда мешавад.

4.2. Баррасӣ, баҳогузорӣ ва муайян намудани ғолибони озмун аз ҷониби ҳайати Комиссия анҷом дода мешавад.

4.3. Комиссия кори худро ба таври ошкоро ба роҳ монда, ба ҳар як донишҷӯ боадолатона баҳогузорӣ менамояд.

4.4. Баҳогузорӣ тибқи тартиби муқарраргардида аз 1 то 5 хол муайян карда мешавад.

4.5. Котиби масъули Комиссия ҳуҷҷатҳои донишҷӯёнро қабул намуда, барасмиятдарории ҳуҷҷатҳоро тафтиш ва назорат менамояд.

## 5. Мухлати гузаронидани озмун ва ҳавасмандгардонии ғолибон

5.1. Озмун дар як давр нимаи аввали моҳи апрели соли 2023 гузаронида мешавад.

5.2. Барои ҳавасмандкунии ғолибон ҷойҳои I – 1 нафар, II – 2 нафар, III – 2 нафар ва 2 ҷойи ифтихорӣ муайян карда мешавад.

5.3. Дар даври ҷумҳуриявии озмуни «Барномасози беҳтарин» барои ғолибон чунин мукофотҳои пулӣ пешбинӣ карда шудааст:

Ҷойи якум – 5000 сомонӣ;

Ҷойҳои дуюм – 3000 сомонӣ;

Ҷойҳои сеюм – 1500 сомонӣ;

Ҷойҳои ифтихорӣ – Ифтихорномаи донишгоҳ.

**Замимаи 1.**

**Дархост барои иштирок дар озмун**

| № | Ном, насаб ва номи падари иштирокчии озмун (пурра) | Курс | Ихтисос (пурра) | Номи донишгоҳ (пурра) | Рақами телефон, суроғаи электронӣ |
|---|---|---|---|---|---|
| | | | | | |
| | | | | | |
| | | | | | |